# ҲИСОБОТИ
# Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020

Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд – Комиссия) аз нахустин рӯзҳои фаъолияти худ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, № 1197 «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 531 «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, № 1004 «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, № 593 «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) аз 26 ноябри соли 2016, №505, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи фаъолияти Комиссия, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба роҳ монда, дар соли 2020 дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ корҳои зеринро иҷро намудааст.

**Таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ.** Аз ибтидои фаъолияти Комиссия то 1 январи соли 2021 барои таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ (минбаъд – ШД) аз муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба Комиссия 164 дархост ворид гардидааст, ки аз онҳо 61 дархост қонеъ ва 98 дархост бо сабаби ба талабот ҷавобгӯ набудан рад карда шуда, 5 дархости дигар дар раванди омӯзиши шуъбаҳои аттестатсионӣ қарор доранд. Ҳоло аз 61 шӯрои диссертатсионии таъсисдодашуда 55 шӯро фаъолият дошта, аз рӯйи 145 ихтисос диссертатсияҳои номзадӣ ва докториро ба ҳимоя қабул карда истодаанд. Бо сабаби роҳ додан ба камбудиҳои ҷиддӣ ва дағалона вайрон кардани талаботи баъзе бандҳои Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ фаъолияти 6 шӯро (Шӯроҳои диссертатсионии самти илмҳои Физика ва Геологияи назди ДМТ; Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода; Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи

А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ ва Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ – ихтисоси Дандонпизишкӣ) қатъ карда шуд. Ҳамзамон, шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси 6D080200 – Технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ муваққатан боз дошта шуд.

Аз 43 дархост оид ба тамдиди фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии мухлаташон ба поёнрасида, бо тавсия ва дастгирии шӯроҳои экспертии соҳавӣ ва қарори Раёсати Комиссия ба 20 ШД барои 5 соли минбаъда ва инчунин ба 16 ШД дигар ба муҳлати 1 сол аз нав иҷозати фаъолият кардан дода шуд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1 – Таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ аз ибтидо то 31.12.2020**

| **Шӯрои диссертатсионӣ** | **Комиссия** | **Тамдиди ШД** | **Шуъбаҳои аттестатсионӣ** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ | |
| | | | Таъсис | Тамдид | Таъсис | Тамдид | Таъсис | Тамдид |
| Тасдиқ шуд | **61** | **36** | 16 | 11 | 30 | 19 | 15 | 6 |
| Қатъ ё боздошт | 7 | | 2 | | 3 | | 2 | |
| Рад карда шуд | **98** | **3** | 14 | 0 | 59 | 2 | 25 | 1 |
| Дар баррасӣ | **5** | **4** | 2 | 0 | 3 | 3 | 0 | 1 |
| **Дархост ворид шуд** | **164** | **43** | **32** | **11** | **92** | **24** | **40** | **8** |

Инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои ҳимояи он диссертатсияҳое, ки аз рӯйи ихтисосҳои онҳо дар ҷумҳурӣ шӯроҳои диссертатсионӣ таъсис дода нашудаанд, барои дар заминаи ин ё он шӯрои диссертатсионии амалкунанда ташкил намудани ҳимояҳои якдафъаина 72 дархост пешниҳод намуданд. Шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия дархостҳои муассисаҳоро оид ба ташкили ҳимояҳои якдафъаина дақиқан омӯхта, таҳлил намуда, баъди хулосаи шӯроҳои экспертии дахлдор (минбаъд ШЭ) 67 дархостро қонеъ гардониданд, ки онҳо ба ихтисосҳои гидрология, физика, биофизика, математика, тиб, геология, таҳлили системавӣ ва ғайра тааллуқ доранд.

Танҳо дар соли 2020 барои таъсиси ШД аз муассисаҳо ба Комиссия 14 дархост ворид гардида, 5 дархост қонеъ, 4 дархост рад ва 5 дархост дар баррасии шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия ва ШЭ қарор дорад (ҷадвали 2). Шӯроҳои дар ин самт таъсисшуда инҳоянд:

1) 6D.KOA-057 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз рӯйи ихтисоси 6D110100 – Тиб (03.03.01-Физиология, 14.03.01 – Анатомияи одам);
2) 6D.KOA-058 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз рӯйи ихтисоси 6D110400 – Фарматсия (14.04.01-Технологияи тавлиди доруворӣ, 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ);
3) 6D.KOA-059 – назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ ва 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ ва 12.00.12 - Криминалистика);
4) 6D.KOA-060 – назди МД Маркази ҷумҳурявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D110100 – Тиб (14.01.26 – Ҷарроҳии дил ва рагҳои хунгард);
5) 6D.KOA-061 – назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараљаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосњои 6D080100 – Агрономия (06.01.05 – Селексия ва тухмпарварии растаниҳои кишоварзӣ; 03.02.13 – Хокшиносӣ).

**Ҷадвали 2 – Таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ аз 01.01.2020 то 31.12.2020**

| **Шӯрои диссертатсионӣ** | **Комиссия** | **Тамдиди ШД** | **Шуъбаҳои аттестатсионӣ** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ | |
| | | | Таъсис | Тамдид | Таъсис | Тамдид | Таъсис | Тамдид |
| Тасдиқ шуд | **5** | **20** | 0 | 7 | 1 | 10 | 4 | 3 |
| Рад карда шуд | **4** | **3** | 1 | 0 | 1 | 2 | 2 | 1 |
| Дар баррасӣ | **5** | **4** | 2 | 0 | 3 | 3 | 0 | 1 |
| **Дархост ворид шуд** | **14** | **27** | **3** | **7** | **5** | **15** | **6** | **5** |

Ҷараёни воридшавии дархостҳои муассисаҳо дар мавриди таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки раванди созмондиҳии шабакаи шӯроҳои диссертатсионӣ дар ҷумҳурӣ, тақрибан дар марҳилаи хотимаёбӣ қарор дорад. Гуфтан мумкин аст, ки муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар дар ин самт тамоми иқтидору имконоти мавҷудаи илмии худро сарф намудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки Комиссия ҳам, зинаҳои ташкилӣ-ҳуқуқиро сипарӣ намуд ва фаъолияти он ба як маҷрои муайян ворид гардид. Минбаъд Комиссия фаъолияти худро, асосан, барои такмил додани коргузорӣ, дақиқан риоя гардидани муқаррароти санадҳои

меъёрии ҳуқуқии самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ, боло бурдани сифати диссертатсияҳои ҳимояшаванда ва арзёбии аҳамияти амалии онҳо барои рушду ривоҷи иқтисодиёти кишвар равона менамояд.

**Таъсиси шӯроҳои экспертӣ** (ШЭ). Дар самти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ то имрӯз 5 шӯрои экспертӣ таъсис дода шудааст. Айни ҳол ШЭ самти илмҳои Химия, технологияҳои химиявӣ ва металлургия, Техникӣ ва технология, Математика, механика ва информатика фаъол мебошанд. Ин шӯроҳо ба ғайр аз ҷаласаҳои алоҳида, боз ҷаласаҳои умумӣ гузаронида, то имрӯз 175 диссертатсияро баҳогузорӣ намуда, барои додани дараҷаҳои илмӣ ба баррасии Раёсати Комиссия пешниҳод кардаанд.

Дар самти илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ бошад, то имрӯз 3 ШЭ таъсис дода шудааст:

- Тиббӣ, тандурустӣ ва фарматсия;
- Биология ва экология;
- Кишоварзӣ ва байторӣ;

Дар ҷаласаҳои ШЭ самти илмҳои тиббӣ, байторӣ, фармасевтӣ ва аграрӣ 129 диссертатсия баррасӣ гардидааст. ШЭ самти мазкур ба ғайр аз масъалаҳои додани дараҷаву унвонҳои илмӣ, инчунин мактубҳои баҳсталаб оид ба таъсиси ШД, лоиҳаи феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои додани дараҷаи илмӣ, арзёбии маҷаллаҳои тақризшаванда, додани иҷозат барои ташкили шӯроҳои ҳимояи якдафъаинаро баррасӣ намуда, барои тасдиқ ба Раёсати Комиссия пешниҳод мекунанд. То имрӯз ШЭ самти илмҳои Тиббӣ, тандурустӣ ва фарматсия бештар фаъол мебошад.

Дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бошад, то имрӯз 7 ШЭ таъсис дода шуда, дар онҳо 429 диссертатсия баррасӣ ва арзёбӣ шудааст. ШЭ самтҳои илмҳои – Таҳсилот, Ҳуқуқшиносӣ, Таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ, Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ, Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва тарҷумонӣ, Фалсафа, сотсиология ва сиёсатшиносӣ ва самти Санъат ва варзиш хеле хуб фаъолият карда истодаанд. Масъалаи таъсиси ШЭ дар самти илмҳои Ҳарбӣ ва амниятӣ бинобар сабаби дар ҷумҳурӣ набудани шумораи зарурии докторону номзадҳои илм дар ин соҳаҳо алҳол ғайриимкон мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ШЭ назди Комиссия дар экспертиза ва баҳодиҳии диссертатсияҳо хеле серталаб ва ҷиддӣ мебошанд. Натиҷаи ҳамин серталабист, ки 63 диссертатсия манфӣ арзёбӣ гашта, дархости шӯроҳои диссертатсионии дахлдор вобаста ба додани дараҷаҳои илмӣ аз тарафи Раёсати Комиссия рад карда шудааст.

Тибқи қарори Раёсати Комиссия аз 31 августи соли 2020, протоколи №2 дар доираи имконияти молиявии Комиссия аз 1 сентябри соли 2020

маблағи музди кори экспертизаи диссертатсияҳои дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм-350 сомонӣ, диссертатсияҳои доктори ҳабилитат ва доктори илм-500 сомонӣ ва унвони илмии профессор-200 сомонӣ муқаррар карда шуд.

**Ҳимояи диссертатсияҳо, дарёфти унвонҳои илмӣ, баробарарзишии ҳуҷҷатҳо.** Натиҷаҳои фаъолияти шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия, ШД, ШЭ ва Раёсати Комиссия дар самтҳои ҳимояи диссертатсияҳо, дарёфти унвонҳои илмӣ, баробарарзишии (нострификатсияи) дипломҳо ва шаҳодатномаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ва аттестатсияи такрории соҳибони онҳо дар ҷадвали 3 пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 3 – Таҳлили омории фаъолияти КОА аз ибтидо то 31.12.20**

| **Шӯрои диссертат-сионӣ** | **Комиссия** | **Тамдиди ШД** | **Шуъбаҳои аттестатсионӣ** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ | |
| | | | Таъсис | Тамдид | Таъсис | Тамдид | Таъсис | Тамдид |
| Тасдиқ шуд | **61** | **36** | 16 | 11 | 30 | 19 | 15 | 6 |
| Қатъ ё боздошт | 7 | | 2 | | 3 | | 2 | |
| Рад карда шуд | **98** | **3** | 14 | 0 | 59 | 2 | 25 | 1 |
| Дар баррасӣ | **4** | **2** | 2 | 0 | 0 | 1 | 2 | 1 |
| **Дархост ворид шуд** | **164** | **43** | **32** | **11** | **92** | **24** | **40** | **8** |
| Коркарди иловагӣ | **2** | **0** | 0 | 0 | 1 | 0 | 1 | 0 |

| **Диссертатсияи ҳимояшуда** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тасдиқ шуд | **733** | 20 | 56 | 657 | 175 | 5 | 15 | 155 | 429 | 12 | 29 | 388 | 129 | 3 | 12 | 114 |
| Рад карда шуд | **63** | 2 | 2 | 59 | 13 | 1 | 1 | 11 | 42 | 1 | 1 | 40 | 8 | 0 | 0 | 8 |
| Дар баррасӣ | **160** | 9 | 14 | 137 | 23 | 1 | 1 | 21 | 134 | 8 | 13 | 113 | 3 | 0 | 0 | 3 |
| **Ворид шуд** | **956** | **31** | **72** | **853** | **211** | **7** | **17** | **187** | **605** | **21** | **43** | **541** | **140** | **3** | **12** | **125** |
| Коркарди иловагӣ | 10 | 0 | 0 | 10 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 1 | 9 | 0 | 0 | 9 |

| **Унвони илмӣ** | **Ҳамагӣ** | | **Профессор** | **Дотсент** | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тасдиқ шуд | **361** | | 39 | 322 | 91 | | 8 | 83 | 219 | | 23 | 196 | 51 | | 8 | 43 |
| Рад карда шуд | **86** | | 13 | 73 | 7 | | 1 | 6 | 71 | | 11 | 60 | 8 | | 1 | 7 |
| Дар омӯзиш | **32** | | 3 | 29 | 3 | | 0 | 3 | 26 | | 3 | 23 | 3 | | 0 | 3 |
| **Ворид шуд** | **479** | | **55** | **424** | **101** | | **9** | **92** | **316** | | **37** | **279** | **62** | | **9** | **53** |
| Коркарди иловагӣ | **0** | | 0 | 0 | 0 | | 0 | 0 | 4 | | 1 | 3 | 2 | | 0 | 2 |
| **Баробарар-зишӣ (ностри-фикатсия)** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | **48** | 5 | 13 | 30 | 23 | 1 | 5 | 17 | 15 | 4 | 3 | 8 | 10 | 0 | 5 | 5 |
| Рад карда шуд | **2** | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 2 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | **4** | 1 | 2 | 1 | 2 | 1 | 0 | 1 | 2 | 0 | 2 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Дархост ворид шуд** | **54** | **7** | **16** | **31** | **25** | **2** | **5** | **18** | **19** | **5** | **6** | **8** | **10** | **0** | **5** | **5** |
| Коркарди иловагӣ | 1 | 0 | 0 | 0 | 15 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Аттестатсияи такрорӣ** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | **4** | 1 | 0 | 3 | 4 | 1 | 0 | 3 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Рад карда шуд | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Дархост ворид шуд** | **4** | **1** | **0** | **3** | **4** | **1** | **0** | **3** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** |
| Коркарди иловагӣ | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |

Аз теъдоди умумии диссертатсияҳои ба Комиссия воридшуда 160 диссертатсия дар омӯзиши кормандони шуъбаҳо ва шӯроҳои экспертӣ қарор доранд. Нишондиҳандаҳои натиҷаи фаъолияти шуъбаҳои аттестатсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар самти илмҳои табиӣ, риёзӣ, техникӣ, тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ ҳимояи диссертатсияҳоро ҷоннок кардан лозим аст.

Дар ҳолати то 01.10. 2020 дар ШД 20 нафар шаҳрвандони хориҷӣ (дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ – 11 нафар, илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ – 7 нафар ва илмҳои табиӣ, риёзӣ ва техникӣ – 2

нафар), 25 нафар хизматчиёни давлатии сатҳҳои гуногун (вазир, муовини вазир ва ғайра), 227 нафар кормандони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва 506 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диссертатсия ҳимоя намудаанд.

Вобаста ба дарёфти унвонҳои илмӣ бошад, аз ибтидо то имрӯз ба Комиссия аз тарафи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 479 дархост (55 дархост барои дарёфти унвони илмии профессор) ворид шудааст, ки аз онҳо 361 дархост қонеъ, 86 дархост рад ва 32 дархост дар ҳолати омӯзиш қарор дорад. Бояд қайд намуд, ки сифати пешниҳодҳо ва натиҷаҳои илмиву методии довталабон зина ба зина беҳтар шуда истодааст. Умуман, бастаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба Комиссия воридшаванда тадриҷан, ба як низоми муайян дар ин самт, ворид шуда истодааст.

Айнан ҳамин тавр, дар самти баробарарзишии (нострификатсияи) дипломҳо ва шаҳодатномаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ва аттестатсияи такрории соҳибони онҳо низ корҳо ба як низоми муайян даромадааст. То кунун барои нострификатсияи ҳуҷҷатҳо ба Комиссия 54 дархост ворид гардида, 48 дархост, ки мутобиқи талабот мураттаб гардидааст, тасдиқ, 2 дархост рад ва 4 дархост дар омӯзиш қарор дорад.

Барои аз аттестатсияи такрорӣ гузаронидани соҳибони дипломҳои дараҷаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он давлатҳо дар хусуси эътирофи баробарарзишии ин гуна ҳуҷҷатҳо созишнома ба имзо нарасонидааст, ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии Комиссия ҳамагӣ 4 дархост (PhD) ворид шудааст, ки аз тарафи Комиссия дипломҳои бадастоварда тасдиқ гардидаанд.

Аз тарафи шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия зиёда аз 176 шиносномаи ихтисосҳои илмӣ, вобаста ба дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм, ҳамчунин 65 шиносномаи доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос таҳия шуда, бо қарори Раёсати Комиссия тасдиқ карда шудаанд, ки барои фаъолияти пурмаҳсули ШД ва ШЭ мусоидат хоҳанд намуд. Раванди таҳияи шиносномаҳои доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос идома дорад.

Дар **ҷадвали 4** фаъолияти Комиссия танҳо дар давраи ҳисоботӣ, яъне аз 01.01.2020 то 01.10.2020 инъикос ёфтааст. Тавре дида мешавад, дар ин давра аз теъдоди 533 диссертатсия ва парвандаҳои аттестатсионии воридгардида, 353 парванда тасдиқ ва 28 парванда рад карда шудааст. Аз 353 парвандаи тасдиқгардида 27 парванда ба довталабони дараҷаи илмии доктори илм, 311 парванда ба номзади илм ва 15 парвандаи аттестатсионӣ ба довталабони доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дахл доранд.

# Ҷадвали 4 – Таҳлили омории фаъолияти КОА 01.01.2020 то 31.12.2020

| Шӯрои диссертатсионӣ | Комиссия | | Тамдиди ШД | | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | | | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | | | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ | | | |
| | | | | | Таъсис | | Тамдид | | Таъсис | | Тамдид | | Таъсис | | Тамдид | |
| Тасдиқ шуд | **5** | | **20** | | 0 | | 7 | | 1 | | 10 | | 4 | | 3 | |
| Рад карда шуд | **4** | | **3** | | 1 | | 0 | | 1 | | 2 | | 2 | | 1 | |
| Дар баррасӣ | **5** | | **4** | | 2 | | 0 | | 3 | | 3 | | 0 | | 1 | |
| **Дархост ворид шуд** | **14** | | **27** | | **3** | | **7** | | **5** | | **15** | | **6** | | **5** | |
| Коркарди иловагӣ | **2** | | **0** | | 0 | | 0 | | 2 | | 0 | | 1 | | 0 | |
| **Диссертатсияи ҳимояшуда** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | **353** | 15 | 27 | 311 | 57 | 5 | 7 | 45 | 241 | 8 | 14 | 219 | 55 | 2 | 6 | 47 |
| Рад карда шуд | **28** | 2 | 0 | 26 | 6 | 1 | 0 | 5 | 16 | 1 | 0 | 15 | 6 | 0 | 0 | 6 |
| Дар баррасӣ | **152** | 9 | 11 | 132 | 23 | 1 | 1 | 21 | 126 | 8 | 10 | 108 | 3 | 0 | 0 | 3 |
| **Ворид шуд** | **533** | **26** | **38** | **469** | **86** | **7** | **8** | **71** | **383** | **17** | **24** | **342** | **64** | **2** | **6** | **56** |
| Коркарди иловагӣ | 3 | 0 | 0 | 3 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 | 1 |
| **Унвони илмӣ** | **Ҳамагӣ** | | **Профессор** | **Дотсент** | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент |
| Тасдиқ шуд | **104** | | 9 | 95 | 13 | | 1 | 12 | 69 | | 6 | 63 | 22 | | 2 | 20 |
| Рад карда шуд | **53** | | 4 | 49 | 3 | | 0 | 3 | 44 | | 3 | 41 | 6 | | 1 | 5 |
| Дар омӯзиш | **31** | | 3 | 28 | 7 | | 0 | 3 | 25 | | 3 | 22 | 3 | | 0 | 3 |
| **Пешниҳод ворид шуд** | **188** | | **16** | **172** | **19** | | **1** | **18** | **138** | | **12** | **126** | **31** | | **3** | **28** |
| Коркарди иловагӣ | **0** | | 0 | 0 | 0 | | 0 | 0 | 4 | | 0 | 4 | 10 | | 0 | 10 |
| **Баробарарзишӣ (нострификатсия)** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | **13** | 1 | 4 | 8 | 4 | 1 | 0 | 3 | 2 | 0 | 0 | 2 | 7 | 0 | 4 | 3 |
| Рад карда шуд | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | **3** | 1 | 2 | 0 | 1 | 1 | 0 | 0 | 2 | 0 | 2 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Дархост ворид шуд** | **16** | **2** | **6** | **8** | **5** | **2** | **0** | **3** | **4** | **0** | **2** | **2** | **7** | **0** | **4** | **3** |

| | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Коркарди иловагӣ | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Аттестатсия и такрорӣ** | **Ҳамагӣ** | **PhD** | **Докторӣ** | **Номзадӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Тасдиқ шуд | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Рад карда шуд | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Дархост ворид шуд** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** |

Дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди илмҳои дақиқ, риёзӣ ва техникӣ аз ҷониби шуъбаи аттестатсионии самти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии Комиссия тадбирҳои иловагӣ андешида шуда истодааст. Дар давраи ҳисоботӣ ба шуъбаи мазкур 3 дархост оид ба таъсиси шӯроҳои диссертатсионии нав ворид гардид, ки онҳо айни ҳол дар баррасӣ қарор доранд.

Аз шумораи умумии шӯроҳои диссертатсионии таъсисдодашуда дар давраи ҳисоботӣ ба КОА 86 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои ҳимояшуда ворид гардидаанд. Аз ин теъдод 57 – нафар довталабон сазовори дарёфти дараҷаи илмӣ шудаанд, аз ҷумла 45-парванда ба довталабони дараҷаи илмии номзади илм, 7-парванда ба довталабони дараҷаи илмии доктори илм ва 5 парванда ба довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мансуб мебошанд.

Дар давраи соли 2020 фаъолияти 7 шӯрои диссертатсионии амалкунанда бо тавсияи ШЭ ва қарори Раёсат ба муҳлати як сол тамдид карда шуданд. Ба истиснои шӯроҳои диссертатсионии 6D.КОА-39 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон – 5 сол ва 6D.КОА-041 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИ ҶТ – 2 сол. Аз ҷумла, 6D.КОА-007 назди Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АИ ҶТ, 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 6D.КОА-031 назди Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови АИ ҶТ, 6D.КОА-032 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 6D.КОА-037 назди Институти математикаи ба номи А. Ҷураеви АИ ҶТ ва 6D.КОА-39 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо фармоишҳои раиси КОА аз 02 марти соли 2020, №№ 38, 39, 40, 41, 42, 43 тамдид карда шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ 4 ҳимояи якдафъаина, аз ҷумла, дар заминаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-009 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ – 1, 6D.КОА-041 назди Институти масъалаҳои об,

гидроэнергетика ва экологияи АМИ ҶТ – 2 ва 6D.КОА-037 – назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – 1, ташкил карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ барои дарёфти унвонҳои илмии дотсент ва профессор ба шуъбаи табиӣ-риёзӣ ва техникӣ 19 дархост ворид гардид. Аз ин теъдод 12 дархости дотсентӣ қонеъ гардонида шуда, 3 дархост рад карда шуд ва 3 дархости дотсенти мавриди омӯзиш қарор доранд. Ҳамзамон як дархости унвони илмии профессор мусбӣ арзёби шуд.

**Натиҷаҳои ҷамъбасти фаъолияти ШД ва ШЭ.** Фаъолияти Комиссияро дар тамоми самтҳо, махсусан дар самти фаъолияти ШД ва ШЭ мусбат арзёбӣ кардан мумкин аст. Ҷамъбаст ва натиҷагирии фаъолияти Комиссия дар соли 2019 бо иштироки аъзоёни ШЭ, ки 18 январ ва 10 феврали соли 2020 дар семинар-машварат бо раисон, котибони ШД, ректорон, котибони илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, директорону котибони илмии институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин иштироки намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида буд, мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор дода шуд. Дар рафти ҷаласаҳо бештар аз камбудиҳо ва норасоиҳо дар фаъолияти ШД, сифати пасти баъзе диссертатсияҳо кушоду равшан изҳори ақида гардида, роҳҳои бартараф кардани камбудиҳо низ нишон дода шуданд. Инчунин қарор карда шуд, ки ҳамасола ШД доир ба фаъолияти худ ба Комиссия гузориши муфассал пешниҳод намоянд, то ки фаъолияти онҳо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, доир ба камбудию нуқсонҳои мавҷуда ба унвони муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ номаҳои расмӣ фиристода шавад.

Вобаста ба суханронии Роҳбари давлат дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар, ки 18 марти соли 2020 доир гардида буд, Комиссия ба нақшаи чорабиниҳои асосии фаъолияти худ тағйиру иловаҳо ворид сохта, кори шуъбаҳои аттестатсионӣ ва шӯроҳои экспертиро дар самти экспертизаи диссертатсияҳо таҷдиди назар намуд. Дар ҷаласаҳои машваратӣ фаъолияти худи Комиссия ва шӯроҳои диссертатсионӣ мавриди муҳокимаю арзёбӣ қарор дода шуда, аз рӯйи натиҷаҳои онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуд ва ба масъулини муассисаҳое, ки дар наздашон шӯроҳои диссертатсиони амал мекунанд, расонида шуд.

Ҳамчунин, дар ин давра аз ҳисоби кормандони Комиссия гурӯҳи корӣ ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва Донишгоҳи ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҷиҳати санҷиши фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии амалкунанда, ҳуҷҷатгузорӣ ва барасмиятдарории парвандаҳои аттестатсионии довталабони дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) инчунин расонидани ёрии амалию методӣ сафарбар карда шуданд. Натиҷаи сафари корӣ хуб пазируфта шуда, дар гузориши Комиссияи сафарбаршуда оварда шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон ба Комиссия дархост ҷиҳати гузаронидани экспертизаи илмии диссертатсияи шаҳрванди ҶҚ довталаб Алимбаева Ж.К. дар мавзӯи «Формирование и реализация маркетинговой политики коммерческих банков в Кыргызской Республике» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз ворид гардид, ки аз ҷониби экспертони самти илмҳои Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ арзёбӣ шуда, ҷавоби муфассал баргардонида шуд.

Дар ҳошияи эродҳои гурӯҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба мактуби Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Маводи таҳлилӣ дар мавзӯи «Фоҷиаи миллӣ ва ё чаро илм бекадр шуд?», ки яке аз нуктаҳои он ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА тааллуқ дошт, Комиссия 22 сентябри соли 2020 семинар-машваратро дар мавзӯи «Вазъи маҷалаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо проректорони илм ва сармуҳаррирони маҷаллаҳо баргузор намуд. Дар семинар бори дигар диққати масъулин ба риояи қоидаҳои талаботи барасмиятдарорӣ ва қайди маҷаллаҳо дар низомҳои иқтибосоварии байналмилалӣ, баландбардории шохиси (индекси) истинодӣ ва паҳнкунии онҳо, тақвияти мазмун, муҳтаво ва дараҷаи иттилоотбарии сомонаҳои маҷаллаҳо ҷалб гардида, бо қарори Раёсати Комиссия то 1 декабри соли 2020 барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта муҳлат муайян карда шуд.

Пас аз гузаштани муҳлати муайншуда маҷаллаҳои зерини камбудиҳоро бартарафнакарда бо қарори Раёсати Комиссия аз Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Тоҷикистон хориҷ карда шуданд:

- «Суханшиносӣ» – Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ АМИ ҶТ;
- «Муаррих» – Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш АМИ ҶТ;
- «Ахбори АМИ ҶТ» – Шуъбаи илмҳои ҷамъиятии АМИ ҶТ;
- «Фарҳанг ва санъат» – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода;
- «Паёми Донишкадаи забонҳо» – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Ҳамзамон, дар санаҳои 17 ва 18-уми декабри соли 2020 барои котибони илмии шӯроҳои диссертатсионӣ ва шӯроҳои олимони муассисаҳо дар мавзӯи «Системаи иттилоотию хизматрасонии Комиссияи олии аттестатсионӣ» барои истифодабарии пойгоҳи додаҳои Комиссия семинар-машварат баргузор гардид, ки дар он тарзи ворид намудани ному насаб ва диссертатсияҳои довталабон ба ПД, раванди баррасии парвандаҳои

аттестасионии довталабон дар шуъбаҳои Комиссия ва назорати шаффофияти онҳо рӯнамоӣ ва фаҳмонида шуд.

**Коркард, такмил ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Комиссия.** Санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқии мавҷуда, аз қабили Низомномаи Комиссия, Низомнома оид ба шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Тартиби додани унвонҳои илмӣ дар шуъбаҳои аттестатсионии дахлдори Комиссия такмил ёфта, барои мувофиқа намудан ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ равона карда шуданд.

**Фаъолияти машваратӣ-тарғиботӣ, муроҷиати шаҳрвандон ва ҷобаҷогузории кадрҳо.** Дар Комиссия рӯзи қабули шаҳрвандон оид ба масъалаҳои марбут ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ аз тарафи раиси Комиссия, муовини раис, котиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионӣ муқаррар карда шудааст, ки шаҳрвандон тибқи он қабул карда шуда, ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас мегиранд. Қобили зикр аст, ки дар давраи ҳисоботӣ муроҷиати ду шаҳрванди хориҷӣ аз ҷумҳуриҳои Украина ва Қазоқистон дар хусуси асардуздии ду шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба почтаи электронии Комиссия ворид гардид:

якум, Комчатных Елена Викторовна аст, ки соли 2018 дар Украина дар мавзӯи «Факторы инновационного развития транспортных предприятий» мақолаи илмӣ навишта, дар вебсафҳаи https://cyberleninka.ru/article/n/faktory-innovatsionnogo-razvitiya-transportnyh-predpriyatiy/viewer ба нашр расонидааст, нисбат ба шаҳрванди ҷумҳурии мо Касымова Мавджуда Халимовна, ки дар мавзӯи «Развитие организационно-экономического механизма управления инновационной деятельностью предприятий в условиях рыночной экономики (на примере пассажирских автотранспортных предприятий Согдийской области)» ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди ДСРТ аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод намудааст, даъвои моликияти зеҳнӣ, азонихудкунии маводи илмии худро дошт.

Дар асоси мактуби расмии Комиссия ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди ДСРТ, то ҳаллу фасли масъалаи ҷойдошта ҳимояи диссертатсияи Касымова Мавджуда Ҳалимовна мавқуф гузошта шуд.

дуюм, Куттыкужанова Зоя Александровна аст, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ соли 2000 дар Қазоқистон дар мавзӯи «Использование технологии по системному подходу в управлении познавательной самостоятельностью учащихся» диссертатсия ҳимоя карда, нисбат ба шаҳрванди ҷумҳурии мо Ахмедова Мухримахон Абдугафоровна, ки дар мавзӯи «Формирование познавательного интереса учащихся начальных классов на основе педагогической технологии по системному

подходу» дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров 2 октябри соли 2019 диссертатсия ҳимоя карда, 2 марти соли 2020 бо фармоиши № 57 Комиссия дараҷаи мазкурро дарёфт намудааст, даъвои сирқат шудани моликияти зеҳнии худро дошт.

Вобаста ба ин масъала баъд аз баррасӣ намудани диссертатсияи номзад, хулосаи эксперт ва қарори ШЭ самти илмҳои мазкур ба Раёсати Комиссия пешниҳод шуд, ки даъвои шикоятии шаҳрванд Куттыкужанова Зоя Александровна исбот гардид ва дар асоси он Ахмедова Мухримахон Абдугафоровна аз дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ маҳрум карда шуд.

Фаъолияти Комиссия дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, расонаҳои хабарии ҷумҳуриявӣ ва сомонаи он мавриди таҳлил ва инъикоси амиқ қарор дода шуда, пешкаши омма гардонида шудааст. Аз ҷумла, мақолаҳои раиси Комиссия зери унвони «Бо афсона гуфтан давлат пеш намеравад» дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (9 апрели соли 2020, №15), «Илм: чанд паҳлуи як проблема» дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» (13 апрели соли 2020, №72) ва мақолаи муовини раиси Комиссия таҳти унвони «Занҷири илм бо истеҳсолотро мустаҳкам бояд кард» дар чор шумораи ҳафтаномаи «Мароми пойтахт» (моҳҳои январ-феврали соли 2020) дарҷ гардиданд, ки дар онҳо масоили мубрами фаъолияти Комиссия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда буданд.

Мувофиқи ҷадвали басти вазифавии кормандон дар соли 2020 барои Комиссия 30 воҳиди корӣ пешбинӣ шудааст, ки аз онҳо 24 нафар – кормандони асосӣ ва 6 нафар – ҳайати хизматрасон мебошанд.

Бо кумаку дастгириҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ҳаллу фасл гардидани масъалаи баланд бардоштани маоши вазифавии кормандон, Комиссия дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» барои ишғоли вазифаҳои холӣ озмун эълон намудааст ва умед аст, ки мушкилиҳои ҷойдошта вобаста ба норасоиҳои кадрӣ ҳаллу фасли худро меёбанд ва Комиссия фаъолияти худро дучанд беҳтар мегардонад. Лозим ба ёдоварист, ки моҳи апрели соли ҷорӣ муҳлати фаъолияти Раёсати Комиссия, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар се сол нав карда мешавад, ба итмом расид ва номзадҳои ҳайати нави Раёсат дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда буд, ки натиҷа он мусбат арзёбӣ гашта, Раёсати Комиисия фаъолияти худро дар ҳайати нав ба роҳ монд.

**Мукотибот ва муросилот.** Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмӣ, таҳсилотӣ ва

ташкилоту корхонаҳо ба Комиссия 618 мактубу санадҳои гуногун ворид гардида, ба қайд гирифта шудааст. Аз ин теъдод 20 мактуб аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ ва дигар зерсохторҳои ҳукуматӣ ворид гардидааст. Инчунин, 380 парвандаи аттестатсионӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, 127 парвандаи аттестатсионӣ барои дарёфти унвонҳои илмӣ, 17 парвандаи аттестатсионӣ барои эътироф ва баробарарзиши ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дараҷа ва унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ба қайд гирифта шудаанд.

Аз тарафи Комиссия ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаву ташкилотҳои дохил ва хориҷи кишвар 441 мактубу пешниҳодҳо ирсол гардидааст. Аз ин шумора 24 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 330 фармоиш таҳия ва ба расмият даровварда шудааст, ки аз онҳо 25 фармоиш оид ба фаъолияти асосӣ ва 20 фармоиш оид ба ҳайати шахсӣ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба 104 нафар шаҳодатномаи унвони илмӣ дода шудааст, ки аз онҳо 8 нафарашон ба унвони илмии профессор мушарраф гардидаанд. Аз 342 нафар шахсони дипломи дараҷаи илмигирифта бошад, 24 нафарашон ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илм ноил гаштаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар назди раиси Комиссия 22 ҷаласаи назоратӣ гузаронида шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои ҷории фаъолияти Комиссия муҳокима ва баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, дар давраи ҳисоботӣ мактуби шикоятии муғризонаю сар то по туҳматангези Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳти №112/136 аз 12.03.2020)-ро комиссияи босалоҳияти аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон созмонёфта дар ҳайати 10 нафар мавриди санҷиши ҳаматарафа қарор дод. Камбудиҳо ва норасоиҳои ҷузъии ошкоргардида бо кӯмаки худи Комиссия дар рафти санҷиш ислоҳ ва бартараф карда шуданд.

Бояд таъкид кард, ки бо сабаби дар кишвар паҳншавии пандемияи COVID-19 ва аз 50 боло будани синну соли миёнаи аъзои ШД ва ШЭ, дар асоси тавсияҳои Ситоди ҷумҳуриявии вобаста ба коронавирус ва дар мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия муваққатан, то 15 сентябри соли 2020, фаъолияти ШД ва ШЭ-ро боздошт. Баъд аз беҳ шудани вазъи эпидемиологӣ Комиссия тасмим гирифт, ки аз 10 августи соли ҷорӣ фаъолияти ШД аз нав давом дода шавад.

**Оид ба вазъи молиявӣ ва корҳои таъмиру тармим.** Дар давраи соли 2020 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ мувофиқи «Сметаи даромад ва хароҷот барои соли 2020 ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» 1 315 044 (Як миллиону сесаду понздаҳ ҳазору чилу

чор) сомонӣ ҷудо карда шуд. Аз ин маблағҳо 1 261 488,90 (Як миллиону дусаду шасту як ҳазору чорсаду ҳаштоду ҳашт) барои музди меҳнати кормандон, хариди таҷҳизоти техникӣ, маводи канселярӣ, пардохтҳои коммуналӣ, алоқа, таъмири ҷорӣ ва пешбурди соҳа хароҷот шудааст, ки 95,7% нақшаи нимсоларо ташкил медиҳад.

Аз тарафи Комиссия дар соли 2020 барои 312 хулосаи экспертии парвандаҳои аттестатсионӣ ба экспертҳои ШЭ 244 988 (Дусаду чилу чор ҳазору нуҳҷсаду ҳаштоду ҳашт) сомонӣ пардохт шудааст.

Мувофиқи нархномаи хизматрасониҳои давлатии пулакии Комиссия ба суратҳисоби махсуси он дар соли 253 260,07 (Дусаду панҷову се ҳазору дусаду шаст) сомонӣ ворид гардидааст, ки 276 611,31 (Дусаду ҳафтоду шаш ҳазору шашсаду ёздаҳ) сомонӣ он барои мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ, ҳавасмандгардонии кормандон ва пардохтҳои ҳатмӣ хароҷот шудааст. Барзиёдии даромад ва трасфертҳои асосии дохилӣ ба ташкилотҳои давлатии молиявӣ хароҷот шудааст, ки дар якҷоягӣ 88,2%-ро ташкил медиҳад. Дар давраи ҳисоботӣ талаботи экспертҳоро ҷиҳати боло бурдани ҳаққи пардохти экспертизаи диссертатсияҳо, ШД ва бо дарназардошти дигар омилҳо дар мувофиқа бо ниҳодҳои дахлдор нархи баъзе хизматрасониҳои пулакии Комиссияро мавриди таҷдиди назар қарор дод, ки он дар сомона гузошта шудааст.

**Оид ба мушкилоти ҷойдошта.** Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд Комиссия баҳри иҷрои банди 4 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, № 2 дар бораи фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои бандҳои протоколи маҷлисҳои машваратии назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 06 марти соли 2017, № 12 ва аз 09 октябри соли 2017, №16/37 ва инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда тамоми иқтидорҳои худро равона карда бошад ҳам, мутаассифона, дар иҷрои баъзе аз бандҳои протоколҳои мазкур, ки ҳалли онҳо ба фаъолияти дигар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад, мушкилӣ мекашад.

Моро мебояд танҳо аз мавқеи истиқлолияти воқеии илмию фарҳангӣ, манфиатҳои милливу давлатӣ ва тақдири ояндаи илми ватанӣ баромад намуда, пойгоҳи илмии Комиссияи олии аттестатсионии кишвари худамонро ҳаматарафа мустаҳкам намоем. Танҳо Комиссияи миллӣ метавонад пуштибони манфиатҳои миллату давлат, ҳимоятгар ва тарғибгари болоравии сатҳу сифати кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ ва диссертатсияҳои ҳимояшаванда бошад.

**Комиссия тасмим гирифтааст, ки:**

- баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни вохурӣ бо аҳли илм ва эҷодкорони кишвар (18.03.2020) иброз намудаанд, тадбирҳои зарурӣ андешад;
- ба фаъолияти ШД самти илмҳои табиӣ, риёзӣ ва техникӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд;
- дар фаъолияти худ шаффофияти бештари электрониро роҳандозӣ намояд;
- ҳимояи диссертатсияҳои шаҳрвандонро дар дигар мамлакатҳо низ ба қайд гирифта, пайгирӣ намояд;
- пинҳон нигоҳ доштани маҳрумкунӣ аз дараҷаҳо ва унвонҳои илмии дар дигар ҷумҳуриҳо бадастовардаи шаҳрвандони кишварро ошкор ва пайгирӣ намояд;
- тавассути роҳбарони муассисаҳо назорати ҷиддиро вобаста ба фаъолияти ШД ва серталабиро ҷиҳати аз рӯйи низомномаву дастурҳо омода намудани парвандаҳои аттсетатсионӣ барои дарёфти унвонҳои илмӣ ба роҳ монад;
- дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати интихоби мавзуъҳои диссертатсионӣ вобаста ба иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат чораандешӣ намояд;
- назоратро аз болои мазмуну муҳтавои маҷаллаҳои тақризшаванда пурзӯр намояд;
- ҳолатҳои номатлуби плагиат ва асолати пасти диссертатсияҳоро қатъиян пешгирӣ намояд;
- барои пешгирии ҳолатҳои номатлуби шиносбозӣ, хешутаборчигӣ ва амалҳои коррупсионӣ дар ШД, ШЭ ва дигар сатҳҳои аттестатсия тадбирҳо андешад;
- минбаъд низ барои ба кор ҷалб намудани мутахассисони соҳавии арзандаву дорои тахассуси олӣ чораҷӯӣ намояд;
- барои дастрас намудану насби сервери пуриқтидор чораҳои зарурӣ андешад.

**Тадбирандешӣ.** Дар заминаи таҷрибаҳои амалӣ, таҳлилҳо ва хулосаҳои ҷамъбастӣ Комиссия тасмим гирифтааст, ки баҳри фаъолияти босамари хеш тадбирҳои зеринро роҳандозӣ намояд:

- бозбинии сохтори идорӣ;
- бинобар зиёд будани миқдори ихтисосҳои илмӣ дар шуъбаи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ, ба ду шуъбаи алоҳида тақсим кардани он;
- бо мақсади бо таҷҳизоти техникии муосир таъмин будан, ба яке аз лоиҳаҳои сармоягузориҳои хориҷӣ шомил намудани Комиссия.

**Пешниҳод.** Дар доираи имконоти мавҷуда ба бинои дигар иваз намудани бинои феълии Комиссия, зеро он ба мазмун, мақом ва талаботи ниҳоди мазкур айни ҳол ҷавобгӯ нест.

Бо истифода аз фурсати муносиб сипос ва қаноатмандии хешро аз дастгирии ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соҳаи илму маориф баён дошта, омодагии хешро баҳри татбиқи ҳамаҷонибаи ин сиёсат иброз медорем.